**Тақризи роҳбари илмӣ ба диссертатсияи илмии Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзӯи "Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон", дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D080902 – сабзаоткорӣ.**

Муҳимияти мавзӯи тадқиқшаванда, беҳтарнамоии сабади истеъмолии мардуми мамлакат бо маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла меваю сабзавот аз пешбурди соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти риояи технологияи замонавии парвариш, нигоҳдорӣ ва коркарди зироатҳои хоҷагии қишлоқ вобастагии бевосита дорад.

Пиёз дар миёни зироатҳои сабзавотӣ аҳамияти баландро дар соҳаи кишоварзӣ доро буда, истеҳсол ва таъмини аҳолии кишвар бо ин маҳсулоти серғизо яке аз вазифаҳои муҳими олимон ва кишоварзон ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, тахминан то 30-40%-и заминҳои кишоварзӣ, ки барои растаниҳои сабзавотӣ муқаррар шудааст, барои кишту парвариши пиёз ҷудо карда мешавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло олимон ва кишоварзон вазифадор карда мешаванд, ки дар самти баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати зироатҳои сабзавотӣ, алалхусус бехпиёз кору фаъолияти илмии худро ба роҳ монанд.

Кори диссертатсионии Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич ба самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмӣ мансуб буда, он ба Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №658 аз 31 декабри соли 2008 "Оид ба таъмини рушди комплексии агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар солҳои гузашта дар самти парвариши бехпиёз ҳамчун маҳсулоти ҳаррӯзаи сабади истеъмолии сабзавотӣ дар заминҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи олимони тоҷик Ахмедов Т.А. [1997], Ахмедов Т.А ва Каримов М.К. [1998], Пиров Т.Т. [1990-2003] тадқиқотҳои зиёди илмӣ гузаронида шудааст. Аз тарафи унвонҷӯ

бошад, дар заминҳои обии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бо истифодаи усулҳои илман асосноки истифодаи нуриҳои маъданӣ ва органикӣ барои рӯёниши ҳосили баланди бехпиёз ва муайян намудани муҳлати кишти он тадқиқотҳои илмӣ гузаронида шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот аз омӯзиши самаранокии истифодабарии нуриҳои органикию маъданӣ ва ҳамчунин илман асоснок намудани истифодаи меъёри онҳо барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва нигоҳдории сифати маҳсулоти навъҳои бехпиёзи «Испанӣ-313» ва «Ҳисорӣ» дар анборҳо дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон иборат буда, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар диссертатсия омӯзиши хусусиятҳои ташаккулёбӣ, нашъунамо, ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулоти бехпиёз вобаста аз таъсири истифодаи меъёрҳои гуногуни нуриҳои маъданӣ ва органикӣ дар шароити хоҷагии Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон омӯхта шудааст. Инчунин дар хоҷагии номбурда дар асоси гузаронидани тадқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ муҳлати муносиби кишт, самаранокии технологияи парвариш ва ҷамъоварии бехпиёз вобаста аз истифодаи меъёрҳои нуриҳои органикию маъданӣ барои гирифтани ҳосили баланд ва омӯзиши таркиби кимиёвӣ ва беҳтарнамоии сифати маҳсулот, ки дар анборхонаҳо ба муҳлати тӯлонӣ нигоҳ дошта мешавад, муайян карда шудааст.

Натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотиро меъёрҳои муносиби истифодаи нуриҳои органикию маъданӣ ва таъсири онҳо ба ҳосилнокӣ ва сифати навъҳои бехпиёзи «Испанӣ-313» ва «Ҳисорӣ» муайян намуда, натиҷаи нишондодҳои таҷрибаҳои илмӣ бо усули дисперсионии Доспехов коркард гардида, дақиқии тадқиқот муайян карда шудааст. Диссертатсия ба соҳаи кишоварзӣ аз рӯи шиносномаи ихтисоси 6D080902 – сабзавоткорӣ мутобиқат мекунад.

Иштироки бевоситаи унвонҷӯ барои ба даст овардани натиҷаи тадқиқот 85%-ро ташкил намуда, аз гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ, озмоишгоҳӣ, коркарди натиҷаҳои биометрӣ, фитометрӣ, таркиби сохтори ҳосил, маҳсулнокӣ, баҳодиҳии сифати маҳсулот, талафёбии бехпиёз дар анборхона, пойдоргардонии мавқеи илмӣ, мақолаҳои илмӣ ва ғайра иборат мебошад. Таҷрибаҳои саҳроӣ дар давоми солҳои

2017-2019 аз ҷониби Комиссияи махсуси апробатсионии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур баҳогузорӣ карда шуда, натиҷаи он дар ҷаласаҳои кафедраҳои растанипарварӣ, ботаника, экологияи кишоварзӣ ва дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети агрономӣ муҳокима гардида, натиҷаи тадқиқоти илмӣ бо гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ тасдиқи худро ёфтанд. Дар асоси тадқиқотҳои гузаронидашуда 17 маводи илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, тавсифи умумӣ, шарҳи адабиёт, усулҳои гузаронидани тадқиқот ва муҳокимаи онҳо, хулоса ва пешниҳодҳои илмӣ барои истеҳсолот иборат буда, 149 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад, ки он 31 ҷадвал, 9 диаграмма, тавсифҳо ба истеҳсолотро фаро гирифтааст.

Феҳристи адабиёти истифодашуда 279 асари илмиро дар бар гирифтааст.

Сарчашмаи адабиётҳои истифодашаванда хеле зиёд буда, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро фаро гирифтааст. Он пурра ба талаботҳои мавзӯи диссертатсияи ҳимояшаванда мутобиқат намуда, ҳамаи самтҳои таҷрибаҳои гузаронидашударо инъикос мекунад.

Аз тарафи довталаб хусусиятҳои агрокимиёвии хок вобаста аз истифодаи нуриҳои органикию маъданӣ бо дарназардошти гузаронидани таҷрибаҳои илмии худ ва ба ин васила баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва беҳтарнамоии таркиби кимиёвии бехпиёз мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҳосили баланди бехпиёзи хушсифат барои истеҳсолот пешкаш карда шудааст.

Таҷрибаҳои саҳроӣ дар заминҳои обии Кооперативи “Сайид Алии Ҳамадонӣ”-и шаҳри Кӯлоб дар солҳои 2017-2019 амалӣ гардида, ба сифати объекти тадқиқот навъҳои пиёзи дерпазаки «Испанӣ-313» ва миёнапазаки «Ҳисорӣ» истифода бурда шудааст.

Таҷрибаҳои илмӣ ва дастовардҳои довталаб исбот мекунад, ки барои гирифтани ҳосили баланди бехпиёз пеш аз ҳама маҷмӯи

технологияи парвариши бехпиёз, аз он ҷумла интихоби майдон, тухмӣ, навъ, мӯҳлати кишт, обмонӣ, меъёри истифодаи нуриҳои маъданию органикӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Довталаб дар таҷрибаҳои гузаронидаи худ ҳамаи ин меъёрҳоро ба инобат гирифта, ҳосили хуб ва хушсифати бехпиёзро ба даст оварда, барои истеҳсолот пешниҳод намудааст.

Дар таҷрибаҳои гузаронидашудаи довталаб бо дарназардошти зиёд намудани меъёри истифодаи нуриҳои маъданӣ ва органикӣ мӯҳлати инкишоф, нашъунамо ва пухтарасӣ, инчунин, нишондиҳандаҳои биометрии бехпиёз нисбатан дароз мешавад, ки дар ҷадвалҳои пешниҳодшуда муфассал оварда шудааст. Ҳосилнокии бехпиёз вобаста аз зиёд намудани нуриҳои маъданӣ ва инчунин истифодаи якҷояи нуриҳои маъданӣ ва органикӣ зиёд мешавад.

Аз натиҷаи таҷрибаҳои гузаронидашудаи довталаб Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич бармеояд, ки ҳосили баланди бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» дар кишти баҳорӣ ба ҳисоби миёна 55,8т/га ва дар кишти тирамоҳӣ 44,6т/га бо истифодаи нуриҳои маъданӣ бо меъёри $Na_{240}P_{90}K_{90}$ ба даст оварда шуда, ба ин васила ҳосили иловагӣ дар кишти баҳорӣ нисбат ба варианти назоратӣ 30,2т/га ё 117% ва дар кишти тирамоҳӣ ба 21,6т/га ё 141,4% зиёд гардидааст.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки пас аз 7 моҳи нигоҳдорӣ дар ҳарорати -1+4 ва дар намнокии 70-75% дар сардхона баромади сифати молии бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» вобаста ба вариантҳо аз 80,5% (дар варианти назоратӣ) то 75,3% ($Na_{240}P_{120}K_{90}$) ва навъи «Испанӣ-313» аз 81,7% (дар варианти назоратӣ) то 72,9% ($Na_{240}P_{120}K_{90}$) ба қайд гирифта шудааст, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар сурати зиёд кардани меъёри нуриҳои маъданӣ талафот зиёд мешавад. Самаранокии баланди бехпиёзи навъҳои «Ҳисорӣ» ва «Испанӣ-313» дар кишти баҳорӣ ва тирамоҳӣ дар вақти истифодаи нуриҳои маъданӣ бо меъёри $Na_{240}P_{120}K_{90}$ ва дар вақти якҷоя истифода намудани 30т/га пору+ $Na_{120}P_{80}K_{60}$ ба даст оварда шудааст. Аз ин рӯ, дар заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон навъҳои «Ҳисорӣ» ва «Испанӣ-313» дар аввали баҳор, дар моҳҳои феврал ва аввалҳои март кишт карда шуда, барои гирифтани ҳосили баланд (45-60т/га) навъҳои

дар боло зикргардида истифодаи нуриҳои маъданӣ бо меъёри $Na_{240}P_{120}K_{90}$ ва пору 30т/га+ $Na_{120}P_{80}K_{60}$ тавсия дода шудааст.

Дар матни диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, киислоҳшаванда буда, ба мазмуну мундариҷаи кори илмӣ таъсирбахш нестанд.

Ҳамин тариқ диссертатсияи унвонҷӯ Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзӯи "Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон", барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D080902 – сабзавоткорӣ кори илман асоснок буда, аҳамияти соҳавӣ дорад. Диссертатсияи илмӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D080902 – сабзавоткорӣ сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессори кафедраи технологияи нигоҳдорӣ ва бехатарии маҳсулоти ғизоии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Тоҷидин Пирзода

16.09.2025

Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146,
телефон: (992) 918-45-40-10

Имзои Тоҷидин Пирзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Қурбонзода А.Х.

Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146,
телефон: (992) 901-31-00-75

16.09.2025